O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995 yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

1-2023

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**A.Tuychiev**
Chet tilini o‘qitishda talabalarning tanqidiy fikrlash va so‘zlashish malakalarini rivojlantirish bo‘yicha debatlar tashkil etish ........ 462
**M.Zohidova**
Madaniyatlararo muloqotni ingliz tili darslarida video vazifalar orqali rivojlantirish ........ 466
**B.Yunusova**
Kombinator leksikografiya – tilshunoslikning nazariy va amaliy asosi ........ 470
**Z.Alimova**
Navoiyning “Saddi iskandariy” asaridagi forscha-tojikcha so‘zlarning semantik jihatdan guruhlanishi ........ 475
**F.Yuldasheva**
Zamonaviy tilshunoslikda xushmuomalalik tadqiqi ........ 480
**J.Djamolov**
O‘zbekiston Respublikasi Prezidenti nuqtai nazaridan tilni rivojlantirish masalalari ........ 484
**F.Xalimova**
Badiiy konseptlar tipologiyasi ........ 490
**D.M.Xoshimova**
Tarjimada xarakter psixologiyasini aks ettiruvchi qiyosiy vositalar tarjimalari ........ 494
**M.A.Hojiyeva**
Mustaqil ta’lim vositasida bo‘lajak filolog mutaxassislarning terminologik kompetentligini rivojlantirish ........ 497
**Sh.S.Irgasheva**
Ingliz tilida internet diskursidagi neologizmlar faoliyatining semantik xususiyatlari ........ 502
**G.M.Mamadjanova**
Konstantalarni asosiy lingvokulturologik birliklar sifatida o‘rganish ........ 507
**V.A.Giyosova**
Murojaat birliklarining ijtimoiy-lisoniy tahlili ........ 512
**Z.S.Paziljanova**
Madaniyatlararo muloqotda muloqot modellari ........ 517
**A.A.Haydarov, Z.T.Yadgarova**
Ritm, qofiya, intonatsiya ........ 520
**I.T.Hojaliyev, M.Sh.Xolmatov**
Xotira matnlaridagi polisemantik so‘zlarning semantik-strukturasi ........ 524

FANIMIZ FIDOYILARI

**SHARIFAXON ISKANDAROVA** ........ 529

UDK: 811.512.133.(082) DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss1/a100

# МАСОИЛИ РУШДИ ЗАБОНҲО АЗ НАЗАРИ ПРЕЗИДЕНТИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

# OʻZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI NUQTAI NAZARIDAN TILNI RIVOJLANTIRISH MASALALARI

# ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ЯЗЫКОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН

# ISSUES OF LANGUAGE DEVELOPMENT FROM THE POINT OF VIEW OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN

**Джамолов Жумабой Хисенович**[1]

[1]**Джамолов Жумабой Хисенович** − муаллими калони кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона, унвонҷӯ.

***Annotatsiya***

*Jamiyatda tillarning faolligi masalasi davlat siyosatining muhim masalalaridan biridir. Jamiyatda til siyosatining toʻgʻri amalga oshirilishi tillarning faollashishi va rivojlanishiga yordam beradi, koʻp millatli jamiyat xalqlari oʻrtasidagi doʻstona munosabatlarni yaxshilashga xizmat qiladi. Ushbu maqolada mustaqil Oʻzbekiston jamiyatida til siyosati masalasi Oʻzbekiston Respublikasining birinchi Prezidenti I.A. Karimov va Oʻzbekistonning amaldagi Prezidenti Sh.M. Mirziyoyevning davlat tili va milliy ozchiliklarning tillarini rivojlantirishni takomillashtirish masalalari muhokama qilingan.*

***Аннотатсия***

*Масъалаи фаъолии забонҳо дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб мегардад. Дар ҷомеа дуруст ба роҳ мондани сиёсати забонӣ, ба фаъолӣ ва рушди забонҳо мусоидат карда, барои беҳтар намудани муносибатҳои дӯстонаи миллатҳои ҷомеаи сермиллат хидмат хоҳад кард. Дар ин мақола масъалаи сиёсати забонӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Ӯзбекистон ва нуқтаи назари Президенти аввали Респликаи Ӯзбекистон И.А.Каримов ва Президенти кунунии Ӯзбекистон Ш.М.Мирзиёев баҳри беҳбудии рушди забони давлатӣ ва забонҳои ақаллиятҳои миллӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.*

***Аннотация***

*Вопрос об активизме языков в обществе является одним из важных вопросов государственной политики. Правильное проведение языковой политики в обществе будет способствовать активизации и развитию языков, служить для улучшения дружеских отношений между народами многонационального общества. В этой статье обсуждается вопрос языковой политики в независимом обществе Узбекистана и точка зрения Первого Президента Республики Узбекистан И.А. Каримов и нынешний Президент Узбекистана Ш.М. Мирзиёев обсуждается и рассматривается для улучшения развития государственного языка и языков национальных меньшинств.*

***Abstract***

*The issue of the activism of languages in society is one of the important issues of State policy. Proper implementation of the language policy in society will contribute to the activation and development of languages, serve to improve friendly relations between the peoples of a multinational society. This article discusses the issue of language policy in the independent society of Uzbekistan and the point of view of the First President of the Republic of Uzbekistan I.A.Karimov and the current President of Uzbekistan G.M.Mirziyoyev is discussed and considered to improve the development of the state language and languages of national minorities.*

***Kalit soʻzlar:*** *davlat tili, ozchilikdagi milliy xalqlar tili, davlat tili siyosati, xat va imlo, tilning leksik tarkibi, adabiy til me'yori, yangi Oʻzbekiston, Davlat tili Deportamenti.*

***Калидвожаҳо:*** *забони давлатӣ, забони ақаллиятҳои миллӣ, сиёсати давлатии забон, хат ва имло, таркиби луғавии забон, меъёри забони адабӣ, Ӯзбекистони нав, Департаменти забони давлатӣ.*

***Ключевые слова:*** *государственный язык, язык национальных меньшинств, государственная языковая политика, орфография, лексический состав языка, норма литературного языка, новый Узбекистан, Депортамент государственного языка.*

***Key words:*** *state language, language of national minorities, state language policy, handwriting and spelling, lexical structure of the language, norm of the literary language, new Uzbekistan, State Language Department.*

## ПЕШГУФТОР

Аз бозе, ки Ӯзбекистон истиқлолияти худро пурра ба даст даровард, Президенти аввалини Республикаи Ӯзбекистон мӯҳтарам И.А.Каримов дар қатори дигар масъалаҳои муҳими

сиёсиву ицтимоиву иқтисодӣ эътибор ба забони давлатӣ ва муаммоҳои рушди онро ҳамеша мадди назари худ қарор додааст, ки ин масъала дар нутқҳои ба Рӯзи забони давлатӣ ва дигар Муроҷиатҳои ӯ инъикоси худро ёфтааст. Ба ин масъала таваҷҷӯҳи Президент албатта бесабаб нест, зеро Ӯзбекистон ҳам яке аз давлатҳои сермиллати Осиёи Миёна маҳсуб гардида, дар асоси Конститутсияи Республики Ӯзбекистон ва Қонун "Дар бораи забони давлатӣ" дар асоси тамоилҳои демократӣ роҳандозӣ гардидани сиёсати забонӣ дар мамлакат барои посдошти ҳаёти осоиштаи мардум ва эҳёи арзишҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Баъди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудани муҳтарам Ш.М.Мирзиёев идомаи чунин сиёсатро дар амалинамоии Қонун "Дар бораи забони давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Фаъолияти зиёда аз 150 адад Марказҳои миллӣ-фарҳангии миллатҳои гуногун, ба 8 забони ғайридавлатӣ, яъне забонҳои миллии хеш фаъолият нишон додани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, дар муассисаҳои таълими олӣ, аз ҷумла Донишгоҳҳои давлатии Самарқанд, Фарғона, Термиз, Чирчиқ ва Деҳнов кушода шудани бахшҳои тоҷикӣ ҳам аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати давлатии забон ва эътибор ба забони ақаллиятҳои миллӣ гувоҳӣ медиҳад.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТҲО ВА УСЛУБҲО

Дар аксари нутқҳо ва Муроҷиатҳои Президенти аввали Ӯзбекистон И.А.Каримов ва Президенти кунунии Ӯзбекистон Ш.М.Мирзиёев барои посдошти истиқлолияти кишвар ба масъалаи огоҳӣ ва ҳушёрӣ эътибори махсус зоҳир гардида, дар қатори таҳдидҳои маънавие, ки ба ҳаёти осоиштаи мардум халал ворид мекунанд, нақши забони миллӣ ва таҳдид ба онро низ ҳамеша мадди назари хеш қарор додаанд. Зеро халқи ӯзбек ҳам дар тӯли таърих бисёр азиятҳои иҷтимоиву иқтисодиву маънавиро аз сар гузаронда, дар даврони шӯравӣ дар қатори бисёр арзишҳои миллӣ аз забони модарии хеш қариб буд, ки боиси ғурур ва ифтихори миллист. Ҳам Перзиденти аввал ва ҳам Президенти кунунии Ӯзбекистон барои рушди забони давлатӣ ва дигар забонҳои ақаллиятҳои миллӣ, тавассути маърӯзаҳову нутқҳояшон иброз доштаанд, ки муҳимтарин ва аҳамиятноктарини онҳоро ин ҷо ба риштаи тасвир кашидаем.

## НАТИҶАҲО ВА МУҲОКИМА

"Оне, ки таърихи худро намедонад, миллате, ки гузаштаи худро фаромӯш кардааст, оянда надорад. Забонамон, динамон дар кадом ҳолат буд?" [1.6,7,10]. Аз ин нуқтаи назар Президенти аввали Ӯзбекистон И.А.Каримов дар ҷашни 5-умин солгарди рӯзи қабули Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ёдовар мешавад, ки: «... "Алла"-и модар натанҳо барои ором кардани тифл сароида мешавад, балки тавассути он ба олами маънавии кӯдак рӯҳи миллӣ ворид мешавад. Меҳру муҳаббат, эҳсос ва орзуҳои наслӣ тавассути забони модарӣ дар ҷисму ҷони кӯдак ҷой мегирад». Ҷойи дигар боз ба ҳамин маънӣ ишора рафтааст, ки: "Худшиносӣ ва тафаккури миллӣ, ки халқро ба гузаштаву фардо пайванд медиҳад, тавассути забон сурат мегирад. Тамоми хислатхои нек дар дили одам, пеш аз хама, бо "Алла"-и модар, бо ҷозибаи нотакрори забони модарӣ ҷой мегирад. Забони модарӣ -рӯҳи миллат аст" [1.83]. Албатта, ҳама кас омӯзиши забонро аз забони модар ҳусни оғоз мебахшад. Тавассути забон инсон худро мешиносад. Ба воситаи забони модарӣ ҳисси миллӣ ва рӯҳи миллӣ дар кас шакл меёбад ва оғози ин ҳама худшиносии кас аз аввалин сурадҳои модар бо номи "Алла" оғоз меёбад. Ин иқтибос ва ё таъкиди Президенти Ӯзбекистон ба ин суруде, ки бори аввал кӯдак мешунавад, беҳуда набуда, ишорат бар он мекунад, ки дар ҳар хонадон бояд забони модарӣ мавриди истифода бошад, бонувон дар баробари соҳиби фазилатҳои хуб будан, забони модариро ҳам хуб донанд ва фарзандони даврони истиқлолият бояд дар рӯҳияи ғояҳои миллӣ тарбият ёбанд.

Президенти Ӯзбекистон дар асари "Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир" ба масъалаи забони миллӣ ва давлатӣ эътибори алоҳида дода, аз ҷараёни ба мақоми давлатӣ соҳиб гардидани забони ӯзбекӣ, баҳсҳо ва муқобилиятҳо дар ин раванд ёдовар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи он қабули Қонун "Дар бораи забони давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ёдовар шуда, донистани таърихи начандон дури забон ва иҷрои қонуну қарорҳои дахлдорро дар ин ҷода барои рушди забони давлатӣ ҳатмӣ меҳисобад. Ӯ таъкид менамояд, ки: "...истифодаи васеи забони ӯзбекӣ дар компютер ва шабакаҳои иҷтимоӣ, фанҳои аниқ, соҳаҳои тиб, иқтисодиёт, истилоҳоти махсусро талаб мекунанд, аз имкониятҳои васеъи ин забон дар ин замон гувоҳӣ медиҳад. Аз ин 20 сол пеш ҳатто ба забони ӯзбекӣ имкони навиштани ариза ҳам мавҷуд набуд" [1.86,87]. Ёдоварӣ аз таърихи начандон дури забон, нуқсҳои рушди забони миллӣ дар гузашта ва имкониятҳои фароҳами кунунӣ барои рушди забони давлатӣ касро ба он водор менамояд, ки дар ҳифзу ташаккулу такомули забони миллии хеш устувору пойбарҷо бошад.

Қонун “Дар бораи забони давлатӣ”, ки 21 октябри соли 1989 қабул гардида буд, дар баробари забони давлатӣ дар мамлакатамон рушди забони ҳамаи миллат ва халқиятҳо, бо роҳи давлатӣ ҳимояи онҳо, ҳар шаҳрванд қатъи назар аз забон, дин ва миллат бо забони модарӣ таълим, ахбор дигар маълумотҳои заруририро гирифтанаш дар моддаҳои 4, 5, 6 аниқ нишон дода шудааст. Ба ифодаи Президент: “...дар ҳамон давр ин қонун бо ҷиҳатҳои демократиаш аз аксар қонунҳои забоне, ки дар дигар республикаҳо қабул шудаанд, фарқ мекунад, ба талаб ва қоидаҳои ҷаҳонӣ пурра ҷавобгӯ буда, ҳеҷ гуна сензура дида намешавад. Истиқболи хуши ин қонун аз ҷониби аҳолии сермиллатамон ҳам албатта беҳуда нест” [1.88,89].

Ҳамин тариқ, нақши забони давлатиро дар давлатдории миллӣ ва дар қатори дигар рамзҳои давлатӣ эътибор доштани онро Президент борҳо таъкид намудаанд: “Дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон мақоми ҳуқуқии забони давлатии Ӯзбекистон устувор гардонда шудааст. Забони ӯзбекӣ дар қатори парчам, нишон мадҳия, Конститутсия ба рамзи истиқлолияти давлатиамон мубаддал гардидааст” [1.103],- омадааст дар яке аз нутқҳои Президенти Ӯзбекистон. Бале номи давлат аз номи миллат сарчашма мегирад ва номи миллат бошад аз забони он сарчашма гирифтааст ва забони миллии ӯзбекиро дар қатори дигар рамзҳои давлатӣ қарор додан нишонае аз муқаддасоти миллии халқи Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои истиқлолият мавқеи забони ӯзбекӣ васеъ гардонда шуда, барои рушду такомули он бисёр чораҳои мушаххас андешида шудаанд. Китобҳои илмӣ-оммавӣ бахшида ба хусусиятҳои ҷудогонаи забони ӯзбекӣ, китобҳои луғат ва адабиётҳои зиёде ба нашр расиданд, ки дар рушди тафаккури миллии насли даврони истиқлол нақши боризи худро доранд. Бо вуҷуди ин наметавон гуфт, ки забони давлатӣ дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт ба пуррагӣ мавриди истифода аст. Муаммову мушкилоти мавҷударо Президенти аввалини мамлакат чунин шарҳ медиҳад: “Мо ба сифати вориси бебаҳои аҷдодонамон барои ҳифзи забони модарӣ, бой гардонидани таркиби луғавии он, афзудани нуфузи он ҳамеша кор карданамон зарур аст. Хусусан, дар соҳаҳои хеле муҳими ҷомеа, аз қабили фанҳои фундаменталӣ, комуникатсияҳои замонавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтори бонку молия истифодаи забони модариамонро боз ҳам васеъ намуданамон шарт аст. Нашри луғатҳои қиёсиву этимологӣ, коркарди ибора ва истилоҳот, рушди забони ӯзбекӣ бо асосҳои илмӣ моро ба мақсадҳои худшиносӣ, ҳисси ватандӯстӣ бурда мерасонад[1.88].

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳиме, ки ба рушди забони давлатӣ мусоидат менамояд, ин хат ва имло ба ҳисоб меравад, ки халқи ӯзбек ҳам тӯли садсолаҳои зиёд аз хати арабиасос истифода карда омадааст. Соли 1929 дар асоси хати лотинӣ алифбои ӯзбекӣ тартиб дода шуда, ҷорӣ гардонда шуд. Аз соли 1940 дар қатори дигар халқҳо мардуми Ӯзбекистон ҳам ба алифбои русиасос гузашта буд. Аз аввали солҳои истиқлолият ислоҳи алифбо ба яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносии ӯзбек мубаддал гардида, дар ин хусус, албатта, мусоидати ҳукумати кишвар дар ҳалли масъалаҳои сиёсати забонии мамлакат, аз ҷумла хат ва имлои забони давлатӣ зарурат дорад. Сарвари давлати Ӯзбекистон таклифҳои аз нав барқарор намудани хати лотиниасоси ӯзбекиро дар рушди забони давлатӣ ва пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин заруратӯ тақозои давр дониста ишорат карда буд ки: «Афсӯс, ки дар ҳудуди СССР таҳти ғояи «маданияти ягонаи советӣ» ин таҷриба (алифбои лотинасоси соли 1929 дар назар аст –Ҷ.Ҷ) ба ниҳояти худ нарасида буд… Хусусан, барои нуфузи забони модариамон дар арсаи байналхалқӣ, таъмини сохтори комуникатсионии мамлакат, барои пухта аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳалли таъҷилии ин масъала зарурат дорад. Ҳалли ин масъала чи қадаре мушкил бошад ҳам, мо дар ҳалли он ба ҳиссу ҳаяҷон дода нашуда, бо асосҳои илмӣ ҳамаҷониба фикр карда, хоҳиши ҷомеаро ба инобат гирифта кор кардем. Ба ин мақсад 2 сентябри соли 1993 дар мамлакат Қонун «Дар бораи ҷоринамоии алифбои лотиниасоси ӯзбекӣ» қабул карда шуд” [1.108]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар Ӯзбекистон гузариш ба хати лотинӣ марҳилаҳои муайянро фарогир аст.

Натиҷаи дар амал татбиқи худро ёфтани Қонун “Дар бораи забони давлатӣ” ва дигар санадҳои меъёрӣ дар сиёсати забониро боз дар ин мушоҳида кардан мумкин аст, ки имрӯзҳо забони давлатӣ дар миқёси байналмиллаӣ ҳам ба яке аз воситаҳои муҳими мулоқот мубаддал гардида истодааст. Махсусан дар мулоқотҳо бо мамолики хориҷӣ, музокираҳо, маросимҳои имзогузории ҳуҷҷатҳо бо ин забон дар саммитҳои бонуфуз, ҷаласаҳои матбуотӣ эътибор ба забони давлатӣ, нақши забони ӯзбекиро хеле назаррас намуда, ки ин боиси фахру ғурурӣ мардуми Ӯзбекистон мебошад.

Дар ин раванд баъзе нуқсонҳое, ки ба рушди забони давлатӣ халал ворид месозанд, аз назари Президенти аввали мамлакат дур намондааст ва ӯ ҳамеша аз солҳои аввали истиқлолият барои ислоҳи он даъват ба амал меоварад. Масалан, дар даврони шӯравӣ ҷойномҳои зиёде, ки

ба ҳудуди ҷуғрофӣ ва мардуми он иртиботе надоштанд, бо номи доҳиҳо ва номи партияву сеъездҳо гузошта шуда буданд: "Як ба номгузории кӯчаҳо назар афканем: Батумская, Казанская, Ялта, Привокзалная, Складская, Механическая, ремесленная, Садовая, Парашютная, Танкистов, 1-Цветочная..."[2.3]. Барои ислоҳи ин масъала Президент таъкид намуда буд ки: «Навиштаҳои номи кӯчаҳо, идораҳо, шохобҳои савдо, хуллас навиштаҷоте, ки ба назар мерасад, барои то ҳол ба забони русӣ боқӣ монданаш чи мегӯед? Ё ҳоло ҳам касе аз боло фармон дода моро маҷбур мекунад?» [3.97]. Ин ҷо таваҷҷуҳи Президент ба ин масъала, албатта, бесабаб нест, зеро номҳои миллӣ, аз ҷумла топонимҳо ҳам ифодагари маданияти ҳамон халқ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Аз назари Президент ҳатто нутқҳои шахсони расмӣ ва санъаткоронро ҳам дур намондааст, ки ба меъёрҳо забони адабӣ мувофиқат накардани он дар рушди забони давлатӣ монеа эҷод мекунад: "Барои расидан ба маданияти баланди забонӣ корҳои зиёдеро мебояд анҷом дод. Хусусан, баъзан дар мулоқотҳои расмӣ ҳам риоя накардан ба меъёрҳои забони адабӣ, истифодаи элементҳои шевагӣ, ки хоси ҳудуди муайян аст дучор мегардем[3.108].

Масъалаи маданияти оммавӣ, ки ба тозагии таркиби луғавии забон ва амнияти забон таҳдид менамояд дар ин иқтибос низ дидан мумкин аст: «...клипҳои ба анъанаҳои миллӣ, қоидаҳои одобу ахлоқи номувофиқ, аз забонҳои мухталиф воридшавии вожаҳо ва ё нодуруст талаффуз кардани он барои иҷрокунандагон ба як усуи наву ноанъанавӣ табдил ёфтааст, ки аз нафаҳмидани санъат гувоҳӣ медиҳад[3.140]. Барои ба гирдоби маданияти оммавӣ нафтодани фарзандонамон дар онҳо ҳисси ифтихор аз таърихи халқи худ, забони миллӣ, урфу одатҳои миллиро парваридан зарурат дорад.

Дигаре аз масъалаҳое, ки ифодагари рушди забони давлатӣ маҳсуб мегардад, масъалаи тарҷумаи адабиётҳо ба забонҳои хориҷӣ ва аз забони хориҷӣ ба забони давлатӣ ба инобат гирифта шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки масъалаи тарҷумаи адабиётҳо ба забони хориҷӣ, пештар тавассути забони русӣ ба дигар забонҳо амалӣ гардонда мешуд. Дар ин хусус ба дараҷаи зарурӣ амалӣ нагардидани ин мақсадро Президент ёдовар шуда, барои ҳалли он чораҷӯӣ намуданро зарур мешуморад: "Афсӯс, ки дар ин масъала ба натиҷаҳои амалӣ ноил нагардидаем. Акнун вақти он расидааст, ки бевосита ба забонҳо Ғарб ва Шарқ тарҷума гардад" [3.180].

Забондонии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳими натанҳо рушди сиёсати давлатии забон, балки дар ин замони ҷаҳонишавӣ аз масъалаҳои муҳими пайвастани Ӯзбекистон ба мамлакатҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Аммо омӯзиши забонҳои хориҷӣ набояд ба рушди забони давлатӣ монеа эҷод кунад. Дар ин хусус Президент И.А. Каримов ёдовар гардида буд, ки: "Омӯзиши забони русӣ ва ё хориҷӣ набояд аз ҳисоби фаромӯш кардани забони модарӣ бошад. Роҳбари курсинишине, ки фикри худро мустақилона ва равон ба забони модарӣ баён карда наметавонад, имрӯзҳо ӯро сафед кардан душвор аст[4.239].

То давраи истиқлолият барои омӯзиши забони хориҷӣ забони русӣ чун восита хидмат карда омадааст. Барои омӯзиши забонҳо нақши луғатҳои дузабонаву сезабона ниҳоят чашмрас мебошад, ки ин масъала аз аввали солҳои истиқлолият мадди назари Президент қарор гирифта: "То ҳоло луғатҳои англисӣ-ӯзбекӣ ва ӯзбекӣ - англисӣ мавҷуд нест. Аз ин ҷиҳат хатмкунандагони мактабҳо дар омӯзиши забони хориҷӣ ба душворӣ рӯбарӯ гардида истодаанд. Ин масъаларо ба зудӣ ҳал карда, дари имкониятҳоро ба фарзандонамон кушода доданамон шарт аст. Мо омӯзиши забонҳои англисӣ, франсавӣ, испаниро ба роҳ монда, дар ин ҷода чораҳои рағбатнок намуданро андешиданамон лозим аст[5.47].

Эътибор ба забони ақаллиятҳои миллӣ ҳамеша яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии забон маҳсуб гардида, натанҳо дар таъмини муомилот, балки дар таъмини ҳуқуқҳои конститутсионӣ, балки дар таъмини баробарии шаҳрвандону ҳифзу осоиши мардум мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар Президенти аввалаи Ӯзбекистон ба забону таърихи ҳамаи миллатҳо арҷ гузошта таъкид менамоянд, ки: "Касе, ки забони модарии худро, шаҷараи худро, решаи худро намедонад, оянда ҳам надорад[6.47]. Ҷойи дигар ёдовар мегардад, ки: "Ҳар миллат, қатъи назар аз бузургӣ ва ё хурдӣ забони модарии худро эҳтиром менамояд. Ӯзбекон забони ӯзбекиро эҳтиром намоянд, тоҷикон забони тоҷикиро, қазоқҳо қазоқиро, дигар миллатҳо ҳам забони модарии худро эҳтиром менамоянд[6.216].

Эътибори Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш.М. Мирзиёев ҳам нисбати ин масъала қобили таваҷҷӯҳ ва дастгирист. Хусусан, ба имзо расидани фармон "Дар бораи боз ҳам афзудани нуфузи забони ӯзбекӣ ба сифати забони давлатӣ" [Lex.uz] дар рушди забони миллӣ ва сиёсати давлатии забон воқеаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ба андешаи доктори илмҳои филологӣ, профессор Дурдона Лутфуллоева "Дар ин давр муносибат ба забони ӯзбекӣ ҷиддан тағйир ёфт.

Тӯли солҳои зиёд ки дар асоси қоидаҳои грамматикии рус назарияҳои лингвистӣ матраҳ шуда буданд, аз он даст кашида, омӯзиши илмии забони ӯзбекӣ дар асоси қоидаҳои дохилии забон ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа қоидаҳои грамматикие, ки хоси забони ӯзбекист, коркард шуданд” [7.3]. Дар асоси фармони мазкур санаи 21 октябр “Рӯзи иди забони ӯзбекӣ” муқаррар карда шуд. Президент мавқеъ ва таъсири забони давлатиро дар дар ҳаёти давлат ва ҷомеа ниҳоят муҳим арзёбӣ намуда, барои боз ҳам рушду нуфузи он вазифаҳои зеринро баррасӣ намуд:

– дар назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил намудани Департаменти рушди забони давлатӣ;

– вазифаҳои Департаменти мазкур: мусоидат дар рушди забони давлатӣ, мониторинг бобати риояти қоидаҳо, ҷоринамоии шаклҳои самарабахши назорат, мутобиқсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, ташкили назорат барои риояти қонунгузорӣ дар бораи забони давлатӣ, пешниҳод кардани мушкилот ва муаммоҳо дар рушди забони давлатӣ, ҷоринамоии сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди он, тезонидани коркарди меъёр ва қоидаҳои нутқи хаттии забони ӯзбекӣ, ҷорӣ намудани хати лотиниасоси ӯзбекӣ, коркарди Барномаҳои рушди забони давлатӣ, коркарди истилоҳот ва истифодаи якхелаи онҳо, мувофиқи қонунгузорӣ ном мондан ба мавзеъҳои ҷуғрофӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои рушди забони давлатӣ, амалӣ намудани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар ин бобат муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон масъул гардонда шудааст, ки:

– дар муддати се моҳ Лоиҳаи Қонун “Дар бораи рӯзи ҷашни забони ӯзбекӣ, Лоиҳаи Қонун “Дар бораи забони давлатӣ” дар таҳрири нав мувофиқ ба талаботи имрӯз таҳия намояд;

– дар мӯҳлати ду моҳ дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ фаъолияти Комиссияро оид ба коркарди истилоҳот ва ба истеъмол даровардани он қарор қабул намояд;

– то 1 июни соли 2020 лоиҳаи Консепсия ва Барномаи давлатии рушди забони ӯзбекӣ ва такмил додани сиёсати давлатии забонро дар самтҳои зерин дар солҳои 2020-2030 тақдим намояд:

– муваффақ гардидан ба истифодаи пурра ва дурусти имкониятҳои забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии мамлакат;

– такмил додани низоми омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани забони давлатӣ ба сифати забони илм, нигоҳ доштани тозагии забон ва ғанигардонии он, баланд бардоштани маданияти нутқи аҳолӣ, таъмин кардани ҷойи муносиби забони давлатӣ дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла Интернет, офаридани барномаҳои компютерӣ бо забони ӯзбекӣ, пешгирии ҳолатҳои вайрон намудани қонуну қоидаҳо дар ин самт, муҳайё намудани шароитҳои мувофиқ барои рушди забонҳои миллӣ, ба арсаи байналхалқӣ баровардани забони ӯзбекӣ, таъмини ӯзбекони бурунмарзӣ бо китобҳои дарсӣ ва амсоли инҳо.

Азбаски имрӯзҳо Ӯзбекистон барои барпо кардани Ӯзбекистони нав, Ренесанси сеюм, қарор дорад, мувофиқ ба талаботи замон дар баробаробари омӯзиши забони давлативу миллӣ, эътибор ба омӯзишу донистани забонҳои хориҷӣ рӯз аз рӯз беш мегардад. Зеро бе надонистани забонҳои хориҷӣ иртиботи натанҳо мамлакат, балки шахсони алоҳида ба ҷаҳони мутамаддин дар ин замони ҷаҳонишавӣ ғайриимкон аст. Бинобарин, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.М.Мирзиёев ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар яке аз видеоселектрҳои хеш моҳи майи соли 2021 баргузор намуда буд, чунин ибрози андеша намуд: “Вақте мо барои худ сохтани давлати рақобатпазирро мақсад намудаем, минбаъд хатмкунандагони мактаб литсей, коллеж ва макотиби олӣ ҳадди ақал ду забони хориҷиро донистанашон шарт аст. Ба ин мақсад дар назди Девони Вазирон ташкили Агентӣ ба мақсади омӯзишу оммавинамоии забонҳои хориҷӣ дар назар аст. Ин агентӣ усулҳои омӯзиши забони хориҷиро ва китобҳои дарсиро дар соҳаи таълим ҷорӣ намуда, барои омӯзиши забоҳои хориҷӣ кӯмак менамояд. Ҳамчунин ташкили тарҷумаи профессионалӣ, муайяннамоии рейтинг дар донистани забони хориҷӣ аз вазифаҳои доимии ин агентӣ ба ҳисоб хоҳад рафт. Ба муаллимоне, ки соҳиби сертификати оддӣ ва миёна мегарданд ба миқдори 40 фоиз ва соҳиби дарафаи олӣ бошанд 50 фоиз иловапулӣ (устама) дода хоҳад шуд. Барои баланд бардоштани сифати таълими омӯзиши забони хориҷӣ ҳар вилоят аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба миқдори 1 млрд мағлағ ҷудо хоҳад кард. Дар ин бобат таъсиси мукофоти Президент барои мактабҳое, ки омӯзиши забони хориҷиро хуб ба роҳ мондаанд дар назар аст. Барои муаалимони забони хориҷӣ барои хариди адабиётҳо ва дигар маводҳои зарурии таълими аз ҳисоби буҷа ба миқдори 1 млн сӯм маблағ ҷудо хоҳад шуд. Ҳамчунин 2 баробар афзудани квотаҳои қабул, 3 баробар афзудани гранти давлатӣ дар назар аст”[9].

## ХУЛОСА

Дар амал татбиқи худро ёфтани фармон ва қарорҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Девони Вазирони Ӯзбекистон баҳри рушди забони давлатӣ ва дигар забонҳои ақаллиятҳои миллӣ далел бар он аст, ки сиёсати давлатии забонро дар ин минтақа аз ҷониби ҷомеаи забонҳо дастгирӣ мегардад. Барои боз ҳам мӯтадил нигоҳ доштани вазъи забонҳо ва рушди забони давлативу дигар забонҳои хориҷӣ ба нуктаҳои зер аҳамият додан аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

тасдиқи таҳрири навбатии Қонун "Дар бораи забони давлатӣ"

пурра ҷорӣ намудан ва риоят намудан қоидаиҳо имлои лотиниасоси забони ӯзбекӣ

ба роҳ мондани сомонаи махсуси истилоҳот, ки аз ҷониби Комиссияи истилоҳот назорат гардад, нашри бештари луғатҳои истилоҳотӣ, нашри маҷаллаи истилоҳот;

ташаккул додани тадқиқотҳо дар самти сотсиолингвистика ва этнолингвистика, ташкили пурсишномаҳои сотсиолингвистӣ баҳри баҳри беҳбудии вазъи забонҳо дар минтақа;

кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ, маъмулан ҷавонони аз 17 то 35 сола, ки зери забони ғайр боқӣ монда бо забони махлут гуфтугӯ менамоянд;

риояи меъёрҳои забони адабӣ дар ВАО;

аттестатсияҳои хатмкунӣ ва аз синф ба синфгузаронӣ танҳо дар сурати аз худ кардани забони давлатӣ дар асоси нишондодҳои СДТ;

тарғиби хондани китобҳои бадеӣ бо забони давлатӣ ва ғайра.

### ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТҲО (LIST OF REFERENCES)

1. Каримов И. Юксак маънавият–енгилмас кӯч. -Тошкент: Маънавият, 2008, 207 б. (Каримов И. Higher spirituality is an invincible force - Tashkent: Manaviyat, 2008, 207 p).
2. Ҳожиева О. Рӯҳимизга ёнғин тушмасин. //Адабиёт ва санъат. №10 аз 3 марти 1989 (Hodzhieva J. Ruhimizga yungin tushmasin. // Literature and Art. №10 of March 3 , 1989)
3. Каримов И. Озод ва обод, эркин ва фаровон ҳаёт барпо этиш – пировард мақсадимиз. -Тошкент: Ӯзбекистон, 1990, 495 б. (Karimov I. Free and prosperous, erkin and abundance of life to build these-piravard targimiz. - Tashkent: Uzbekistan, 1990, 495 p).
4. Каримов И.А. Баркамол авлод орзуси. -Тошкент: Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси, 2008, 239 б. (Karimov I.A. Mature descendants of orzus. - Tashkent: Uzbekistan National Encyclopedia, 2008, 239 p).
5. Каримов И.А. Ӯзбекистон мустақиллига эришиш остонасида.–Тошкент: Ӯзбекистон, 2011, 230 б. (Karimov I.A. Uzbekistan dzyustilliga erishish ostonasida.- Tashkent: Uzbekistan, 2011, 230 p).
6. Лутфуллаева Д.Э. Йиллар сарҳисоби: ўзбек тилшунослигининг мустақиллик даври тараққиёти //"Istiqlol davri o ʻzbek tilshunosligi, adabiyotshunosligi va folklorshunosligining dolzarb masalalari" respublika ilmiy-nazariy anjumani materiallari. –Тошканд: 2021, 490 б. (Lotfullaev D.E. Summary of the years: development of the period of independence of Uzbek linguistics //materials of the Republican scientific and theoretical conference"topical issues of Oʻzbek linguistics, literary studies and folklore studies of the period of Independence". - Tashkent: 2021, 490 p).
7. Шавкат Мирзиёев. Эркин ва фаровон,демократик Ӯзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз.Тошкент:-Ӯзбекистон.2016, б. (Shavkat Mirziyoyev. Erkin and abundance, a democrat of Uzbekistan, the state of birgalikda founded etamiz.Tashkent: - Uzbekistan. 2016, p).
8. https://yuz.uz/news/prezident-xorijiy-tillarni-orgatish-boyicha-kelajak-uchun-mustahkam-poydevor-boladigan-yangi-tizimni-yolga-qoyish-vaqti-soati-keldi
9. Lex.uz